ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул ба таҳқиқи диссертатсионии Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба пайвандҳои адабии Шарқу Ғарб дар адабиётшиносии тоҷик таърихи андаке беш аз нимасра дошта, бо ибтикори муҳаққиқоне, ки донандагони яке аз забонҳои кишварҳои Шарқ буданд, оғоз шудааст. Ба тасреҳи Шокир Мухторов, дар Тоҷикистон охири солҳои панҷоҳуми асри XX-ро бояд «ибтидои тадқиқи пайвандҳои адабии Шарқу Ғарб, пештар аз ҳама, Аҷаму Урупо» донист. Масъалаи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда ба шумор меравад. Албатта, дар даврaҳои гуногун тарҷумаи осори адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ, робитаҳои ҳамдигарии адибон, мукотиботу суҳбатҳо, сафарҳои адибон ба кишварҳои ҳамдигар ва ғайра то андозае таҳқиқ шудаанд.

Одилова Зайнура Обидовна соли 2012 зинаи бакалавриат, соли 2015 магистратура ва соли 2018 зинаи докторанти PhD-и кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм кардааст. Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз давраи донишҷӯӣ машғул буда, ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ худро ҳамчун донишҷӯи соҳибистеъдод ва дорои тафаккури таҳқиқӣ муаррифӣ кардааст. Айни замон, ба сифати ассистент дар кафедраи забони франсавии факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият дорад.

Кори диссертатсионии Одилова Зайнура Обидовна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, чордаҳ фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби нахустини диссертатсия **«Заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввал «Робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир» ном дошта, сухан дар бораи робитаҳои Тоҷикистону Фаронса меравад. Фасли дуюми боби аввал «Пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик» буда, дар он сухан дар бораи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба фарҳанги халқи тоҷик гуфта шудааст. Фасли сеюми ин боб «Самтҳои асосии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»

номида шуда, дар он самтҳои нав пайдо кардани муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Фаронса дар замони Истиқлол пажуҳиш ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишоти адабӣ»** ном дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввали ин боб «Саҳми профессор Шокир Мухтор дар таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» унвон гирифтааст. Фасли дуюми боби дуюм «Ибаррури Рачабова – муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» номгузорӣ шудааст. Фасли сеюми боби дуюм «Айнӣ ва адабиёти Фаронса дар таҳқиқи Д.Ҳ. Бобоева» ном дорад. Фасли чорум «Таъсири сужаҳои «Ҳазору як шаб» ба насри ривоятии фаронсавӣ дар таҳқиқи Д.О. Маҳмудов» унвон гирифтааст. Фасли панҷуми боби дуюм «Низомии Ганҷавӣ ва Фаронса дар таҳқиқи Н.С. Гадоева» буда, диссертант зимни пажуҳиш ба хулоса омадааст, ки робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ яке аз бахшҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, дар даҳсолаҳои охир мавқеи устувор пайдо намудааст. Саҳми олимони тоҷик дар ин соҳа хеле муҳим аст, хусусан, саҳми профессор Шокир Мухтор, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарҷумаҳои худ барои мустаҳкам шудани робитаҳои адабии ду халқи дорои таърихи бой мусоидат намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар мабнои тарҷума ва таъсирпазирӣ»** буда, аз шаш фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб «Тарҷума ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд омадани робитаҳои адабӣ» ном гирифта, унвончӯ зимни пажуҳиш хулоса баровардааст, ки шарти асосии робитаҳои адабӣ тарҷумаи адабиёт ба забонҳои гуногун ба шумор рафта, бе тарҷума адабиёти миллӣ аз адабиёти халқҳои алоҳида ва ҷаҳонӣ баҳраманд намегардад. Фасли дуюми боби сеюм «Тарҷумаи асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ» буда, диссертант мегӯяд, ки дар давраи шуравӣ робитаҳои фарҳангӣ ва адабӣ миёни халқҳои шуравӣ хеле фаъол буданд. Яке аз самтҳои муҳимми ин равобит тарҷумаи осори адабии халқҳои гуногун ба забони тоҷикӣ ба шумор мерафтааст. Фасли сеюми ин боб «Тарҷумаи назму насри фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, диссертант иброз медорад, ки дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои нави адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд. Яке аз ин равандҳо тарҷумаи осори адибони ҷаҳонӣ, бахусус адабиёти фаронсавӣ, аз забони асл ба забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол мебошад. Тарҷумаҳои нав ба хонандагони тоҷик имкон медиҳад, ки бо осори классикон ва муосирони Фаронса ба шакли пурра ошно гарданд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо, натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Маълум мегардад, ки диссертант масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионии худро дар сатҳи зарурӣ ҳал карда, мақсаду вазифаҳое, ки дар таҳқиқи мавзуъ пеши худ гузоштааст, ба пуррагӣ иҷро намудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва муқоисавӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мисбоҳиддини Нарзиқул
06.01.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Н. Қарабоев, 150.
Телефон: (+992) 936001229
E-mail: hasti70@mail.ru

Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.
06.01.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj